«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ
д.и.и., профессор
____________ Ш. Раҳимзода
«_04_» ____10________2022 с.

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи Шурои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.

Диссертатсия дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Назарзода Наврӯзҷон Назар дар шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Назарзода Наврузҷон Назар 22 апрели соли 1992 дар шаҳри Душанбе, дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Оиладор, соҳиби 3 фарзанд мебошад.

Соли 2014 дараҷаи бакалавр ва соли 2016 дараҷаи магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бо тахассуси молия ва қарз аз рӯи ихтисоси молия бо Дипломи аъло хатм намудааст.

Соли 2014 фаъолияти меҳнатии худро дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ тадқиқотии «Молия» - и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, айни ҳол ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад.

Аз соли 2019 то инҷониб, унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз тасдиқ аз 27 ноябри соли 2020, № 11 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб) ва фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон супоридааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» хулосаи зерин бароварда шуд:

**1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия**

Дар айни замон, воқеият собит намуд, ки рушди муносибатҳои бозорӣ шаклҳои низоми шуғлро куллан дар кишвар тағйир дод. Хусусан, дар ин низом, ки мавқеи хосро шуғли пурмаҳсул ишғол менамояд, ҳамаҷониба ба рушди иқтисодӣ, нерӯи инсонӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мусоидат менамояд.

Мавриди зикр аст, ки дар робита ба шуғли пурмаҳсул дар таҳқиқотҳои илмии муосир равияҳои нав дар соҳаи сиёсати шуғл, аз ҷумла, таъмин намудани бездеҳи пурмаҳсули қувваи корӣ, алоқаи мустақим бо сиёсати даромадҳо ва барномаҳои зиддитаваррумӣ ба вуҷуд омадаанд.

Дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти кишвар таъмин намудани шуғли пурмаҳсул гуногуншакл аст ва мустақиман аз фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таҳия ва такмил додани сиёсати шуғли аҳолӣ ва танзими бекорӣ, аз фаъолияти оқилонаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, маркази бо кор таъминкунӣ ва дигар ташкилотҳои зертобеъи назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бо кор таъмин намудани бекорон, муҳоҷирони меҳнатии куллан ба ватан бозгашта, мусоидат кардан ба ташкили соҳибкории хурд ва миёна, омода, бозомӯзӣ ва азнавомодакунии шаҳрвандон ҳамчун мутахассисони баландихтисоси касбӣ, инчунин, аз масъулияти иҷтимоии корфармоён, ки ба аҳолии бо ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол ҷойҳои холии кории ҷойдошта ва нави таъсисшаванда пешниҳод менамоянд, алоқамандӣ дорад.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба шуғли пурмаҳсул рафтори мусоиди худи кормандон, ба монанди ташаббускорӣ, истеъдоднокӣ, амалигардонии инноватсионӣ ва масъулиятнокии ҷиддӣ ва ғайра нақши ҳалкунандаро дорад. Хусусан, хоҳиш ва имкониятҳои худро пурра истифода намудани кормандон барои такмил додани сатҳи

ихтисосноки̣, хушсифат иҷро кардани корҳо мувофиқи маҷмӯи талаботи корфармо барои зиёд шудани музди меҳнат ва соҳиби вазифаҳои баланд гардидани кормандон мусоидат менамояд.

Бояд таъкид намуд, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зарурати афзоиши ҳамзамони миқдории шуғли устувори пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш барои Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи асосии рушд дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмӯҳлат дарҷ гардидааст. Ҳамчунин, самтҳои таъмини рушди иқтисодӣ ва тақвият бахшидан ба соҳаи рушди бозори меҳнат ва шуғл дар кишвар Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 татбиқ гардидааст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан зарур аст, ки асосноккунонии илмии мавқеи шуғли пурмаҳсул, методология ва механизмҳои татбиқи самтҳои стратегии таъмини шуғли пурмаҳсул ва баланд бардоштани даромадҳои аҳолӣ масъалаҳои муҳими бозори меҳнат ҳисобида мешавад.

Махсусан, аз нигоҳи назария ва методология рушди бозори меҳнат эҳтиёҷот ба ташаккул ва такмили методикаи арзёбии шуғли устувории пурмаҳсулро дорад. Заминаи методии арзёбӣ ва таҳлили масъалаи мазкур, тақозо ба таҳияи низоми нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул ва баҳои муқоисавии рейтингиро тавассути истифодаи усулҳои муосири таҳқиқотӣ, инчунин, такмили тамсиласозии сатҳи шуғл ташкил менамояд. Ҳамаи масъалаҳои дар боло дарҷгардида, ки то ба имрӯз дар таҳқиқоти илмии иқтисодшиносони тоҷик ба таври кофӣ таҳқиқ карда нашудаанд, боиси интихоби мавзӯи диссертатсионӣ гардидааст.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба Шиносномаи ихтисос ва мӯҳтавои диссертатсия**

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат бо бандҳои дар поён зикргардидаи Шиносномаи ихтисос мувофиқат мекунад:

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра).

2. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ).

3. Масъалаҳои мубрами муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ.

Натиҷаи диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

**3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла, зарурати афзоиши ҳамзамони миқдории шуғли устувори пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш барои Тоҷикистон ҳадафи асосии рушд дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмӯҳлат хоҳад шуд, ки бо банди 5.2-и Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли ва Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2022 аз 30 декабри соли 2020, Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз 28 майи соли 2022, №263 робитаи зич дорад.

**4.Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мӯҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35 –уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1–М]. Назарзода Н.Н. Нақши бозори меҳнат дар рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. Н.Н Назарзода // Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон”. Душанбе , 2020. - №4(2). – 2020. - С.147 – 151.

[2–М]. Назарзода Н.Н. Асосҳои назариявии шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат. [Матн]. Ш.Б Ҷонмамадов, Н.Н. Назарзода. // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. “Молия ва иқтисод” Маҷаллаи илмӣ. Душанбе, 2021. – №4 (28). – саҳ.65-72.

[3–М]. Назарзода Н.Н. Арзёбии динамикаи тағйироти сохтории аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. И.Р Иброҳимзода (Иброҳимов), Н.Н.Назарзода. // Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон”. Душанбе, 2020. - №2. – С. 144 – 154

[4–М]. Назарзода Н.Н. Тамоюли раванди гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, таҳлили иқтисоди – оморӣ. [Матн]. А.Ҳ.Миразизов, Н.Н. Назарзода. // “Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон”. Душанбе, 2020. - №4.(1) . С.202 – 2010.

[5–М]. Назарзода Н.Н. Теоретические основы рынка труда и его роль в развитие национальной экономики. [Матн]. С.А. Азизов, Н.Н.Назарзода. // Маҷаллаи “Идоракунии давлатӣ”. Паёми илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе. 2021. – №1 (50). – С. 80-89

[6 –М]. Назарзода Н.Н. Хусусиятҳои бозори меҳнати минтақавӣ дар шароити рушди инноватсионӣ. [Матн]. Б.Ш. Ҷонмамадов, Н.Н. Назарзода // Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон”. Душанбе, 2021.- №4. – С. 56 – 66

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаи маводи конфронс:**

[7 –М]. Назарзода Н. Н. Регулирования рынка труда и его роль в развитие экономики [Матн] Н.Н. Назарзода. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ - амалии онлайнӣ таҳти унвони “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: тамсилаҳои муосири самаранокии он”. - Душанбе, 5 – 6 марти соли 2021. - С. 441-445

[8 –М]. Назарзода Н.Н. Таҳлили коҳишёбии шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. Н.Н. Назарзода // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «конференсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи «амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ». – Душанбе, 13-уми октябри соли 2020. – С. 558 – 562

[9–М]. Назарзода Н.Н. Таҳлили бекорӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ. [Матн] Н.Н. Назарзода. // Маҷмӯи мақолаҳои магистрантон, докторантони PhD, унвонҷӯён ва олимони ҷавон: АМИТ, Институти иқтисодиёт ва демография. – Душанбе: КВД «МАТБАА», 2021. - С 228 – 233.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷараёни корҳои илмӣ-тадқиқотии шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, маркази бо кор

таъминкунӣ ва дигар ташкилотҳои зертобеи назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои накшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла, интихоби мавзӯъ, асосноккунонии мубрамият, мақсад ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Хусусан, саҳми шахсии муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи омӯзиши шуғли пурмаҳсул тавсияҳои илман асоснок пешниҳод кардааст.

Пешниҳодҳои муаллиф, дар мавриде, ки аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта мешаванд, барои қабул намудани чораҳои дахлдор ҷиҳати амалан таъмини шуғли пурмаҳсул дар ҷумҳурӣ имконпазир мегардонад.

**Қарори ҷаласаи васеъ**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисооси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷонмамадов Ш.Б., баромади муқарризони холис – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Субҳонов А.И. инчунин, баромади муқарризони ғайрирасмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов А.Б. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарипов Б.М. Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба Шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар

**қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисооси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ҷавобгӯ ба талаботи муқаррargардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6DKOA – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

2. Ба Назарзода Наврузҷон Назар дар муддати на зиёда аз 10 рӯз мактуби ҳамроҳ, нусхаи протокол ва хулосаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар бораи

пешниҳоди диссертатсия ба Шӯрои диссертатсионии 6DKOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ оид ба қарори мазкур 14 нафар иштирок доштанд, аз онҳо: 1 нафар академик, 8 нафар доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ва 5 нафар номзади илмҳои иқтисодӣ.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | - 14 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, протоколи №9 қабул шудааст.

**Раиси маҷлис:**
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Ш. Раҳимзода

**Котиби маҷлис:**
Котиби илмии Шӯрои олимон номзади илмҳои иқтисодӣ — Ҷалилзода Д.Р

**Муқарризи холис**
д.и.и., профессор — Комилов С.Ҷ

**Муқарризи холис**
номзади илмҳои иқтисодӣ — Субҳонов А.И

Имзои д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ. – ро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ** — Раҳимов А.А

Имзои н.и.и., Субҳонов А.И. –ро тасдиқ менамоям:

**Инспектори калон оид кадрҳо ИИД АМИТ** — Қурбонов Э.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе 734024, кӯчаи С.Айнӣ 44, Почтаи эл.: info@ied.tj
Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65